**СУРАТМАҶЛИСИ №7**

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**18 марти соли 2026** ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 3 нафар

18-уми марти соли 2026, соати 13:30 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 15:55

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои таърих, профессор Акрамова С.Х.

**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои таърих Умаров А.Қ.

**Раиси шуро**: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чи пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои 1822–1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор).

Диссертатсия дар кафедраи таърихи умуми Донишгоҳи давлатии Данғара омода шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Расулиён Қаҳҳор Расул – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Сафолзода Муҳаммадӣ Қурбон –** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Исмоилова Машҳура Буҳоватдиновна –** номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

**1. Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои таърих, профессор Акрамова С.Х

**2. Котиби шуро:** номзади илмҳои таърих Умаров А.Қ.

**3. Унвонҷӯ:** Ализода Алиҷон Анвар.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои таърих Мирзоев Н.М., Муродова Н.С., Олимов М.А., Турсунов Т.Х., Шарифов Р.Я. ва Яқубов Ю. мушаххас ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ Расулиён Қаҳҳор Расул – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунида шуд.

**Баромади муқарризони расмӣ**:

1. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Масква ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Сафолзода Маҳмадӣ Қурбон;

2. Номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Исмоилова Машҳура Буҳоватдиновна;

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Доктори илмҳои таърих, профессор Яъқубов Ю.;
2. Доктори илмҳои таърих, профессор Шарифов Р.Я.;
3. Доктори илмҳои таърих, профессор Латифов Ҷ.Л.;
4. Доктори илмҳои таърих, профессор Олимов М.А.;
5. Доктори илмҳои таърих, профессор Турсунов Т.Х.;

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ - профессорон Зикриёева М.Ф., Аюбов А.Р. ва Тиллоев С.С. интихоб гардиданд.

Аз 14 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта (ду нафар онлайн) дар бахши овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд: аз онҳо 3 нафар доктарони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои 1822–1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-O24**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**18 марти соли 2026** **ш. Душанбе**

Суханронии Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822–1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Сафолзода Муҳаммадӣ Қурбон, – номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Исмоилова Машҳура Буҳоватдиновна, муқарризони ғайрирасмӣ – доктарони илмҳои таърих, профессорон – Яъқубов Ю., Шарифов Р.Я., Латифов Ҷ.Л. ва Турсунов Т.Х.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Ализода Алиҷон Анвар

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822–1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба Ализода Алиҷон Анвар дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) ба Ализода Алиҷон Анвар аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 14 нафар. Муқобил - нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Акрамова С.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**18 марти соли 2026**